**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод карда шудааст.**

*Аз «19» 04 соли 2025* *ш.Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ. – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М., ва н.и.и. Убайдуллоев Ф.К. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ибодов Нурали Ҳасанович хулосаи зеринро қабул намуд:

## 1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Ибодов Нурали Ҳасанович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Ибодов Нурали Ҳасанович, 16 феврали соли 1992 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2014 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи милли Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси “Суғурта” ва соли 2016 шуъбаи магистратураи донишгоҳи номбурдаро аз рӯи ихтисоси “Молия ва қарз” хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 2019 ба ҳайси доктаранти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ факултети иқтисодиёт ва идоракунии маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин

Айнӣ аз рӯи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент дохил шуда, онро соли 2022 хатм кардааст.

Солҳои 2016-2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз соли 2020 то ин ҷониб дар Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" кор ва фаъолият менамояд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Нурали Ҳасанович дар ҷаласаи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Садриддин Айнӣ таҳти рақами 8/6.2 аз 28.02.2020 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии докторант (PhD) доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Султонов Зубайдулло Султонович мебошад.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бомуваффақият супоридааст.

Дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2024 таҳти №07/48/02-244 номбурда шуруъ аз санаи 29.06.2024 барои аз ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент ба ихтисоси 6D050900-Молия гузаштан, фарқияти академӣ супоридааст.

Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Султонов З.С. иҷро ва дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30 ноябри соли 2024, суратмаҷлиси №4 муҳокима гардидааст.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои

диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълим дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Ҳусайнов Муродали Сайдамирович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Хайрзода Ш.Қ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Убайдуллоев Ф.К.